***ТКБ 106***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-232-239***

# ТАНОСУБИ ҲАҚИҚАТ ВА БАДЕИЯТ ДАР РӮЗНОМАИ “ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН”

***Ниёзов Хуршед Атоуллоевич****, унвонҷӯи кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон)*

# СООТНОШЕНИЕ РЕАЛЬНОСТЬ И ВЫМЫСЛА В ГАЗЕТЕ «ДЖАВОНОНИ ТОДЖИКИСТОН»

***Ниязов Хуршед Атоуллоевич****, соискатель кафедры международной журналистики Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

# ORRELATION OF REALITY AND FICTION IN THE NEWSPAPER "JAVONONI TOJIKISTON"

***Niyazov Khurshed Atoulloevich****, Competitor at the Department of International Journalism, Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan),*
***E-mail:****khurshedjon73@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳақиқат, бадеият, публисистика, “Ҷавонони Тоҷикистон”, газета, воқеъият*

*Мақола ба баррасии масъалаи таносуби ҳақиқат ва бадеият дар навиштаҳои рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон”ихтисос дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки маводи публисистии солҳои аввали фаъолияти газетаи мавриди таҳқиқ бештар ба далел ва аснод такя намуда, аз бадеият кам кор мегирифт. Аммо дар фаъолияти минбаъдаи рӯзноманигории гӯруҳе аз журналистони ин нашрия таносуби воқеъият ва бадеият риоя нашуда, бештар баёни эҳсоси даруниву руҳонии объекти гузориш авлавият пайдо намудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили маводи зиёди публисистии газетаи “Ҷавонони Тоҷикистон” ба хулоса меояд, ки бадеият дар матолиби публисистӣ ба гунае истифода шавад, ки воқеиятро таҳриф накунад ва бо ҳақиқати зиндагӣ мутобиқат дошта бошад. Дар истифодаи бадеият адиб бештар озод, вале публисист пойбанди воқеъият боқӣ мемонад.*

***Ключевые слова:*** *реалия, вымысл, публицистика, «Джавонони Тоджикистон», газета, действительность*

*Статья посвящена рассмотрению вопроса соотношения реалии и вымысла в материалах газеты «Джавонони Тоджикистон»(«Молодежь Таджикистана»). Автор отмечает, что публицистический материал первых лет существования исследуемой газеты больше опирался на константу фактов и меньше использовал художественное воображение. Однако в дальнейшей публицистической деятельности группы журналистов данного издания пропорция реальности и вымысла не соблюдалась, и приоритетом стало выражение внутренних и душевных переживаний объекта изображения. На основе анализа многих журналистских материалов газеты «Джавонони Тоджикистон» автор приходит к выводу, что художественное воображение должно использоваться в журналистских материалах таким образом, чтобы оно не искажало действительность и было совместимо с реальной жизни. В использовании вымысла писатель более свободен, но публицист остается верен к действительности.*

***Key words:*** *reality, fiction, journalism, "Javononi Tojikiston", newspaper, reality*

*The article is devoted to the issue of correlation between reality and fiction in the materials of the newspaper "Javononi Tojikiston" ("Youth of Tajikistan"). The author notes that the journalistic material of the first years of the existence of the newspaper under study relied more on the constant facts and less used artistic imagination. However, in the further journalistic activities of a group of journalists of this publication, the proportion of reality and fiction was not respected, and the expression of the inner and spiritual experiences of the image object became a priority. Based on the analysis of many journalistic materials of the Javononi Tojikiston newspaper, the author comes to the conclusion that artistic imagination should be used in journalistic materials in such a way that it does not distort reality and is compatible with real life. In the use of fiction, the writer is freer, but the publicist remains true to reality.*

Объекти ин тадқиқот маводи рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон”( собиқ “Комсомоли Тоҷикистон”)буда, мавзӯи пажӯҳиш муаррифӣ ва тафсири мушаххаси воқеият ва бадеият дар осори публисистии ин ҷарида мебошад. Мақсади мақола таҳлили таносубу таъсири бадеият ба публисистика, алалхусус, дар инъикоси ҳақиқат ва факт мебошад. Методологияи тадқиқот бар равишҳои таҳлил ва муқоиса асос ёфтааст. Корҳои илмии А.Азимов[1,с.2], П.Гулмуродзода[5], Е.Журбина[6], Е.Прохоров [11], А.В.Святославский[13] М.Стюфляева[14], И.Усмонов[16]ва дигарон ҳангоми таҳлилу таҳқиқ дар мадди назари муаллиф буда, маводи амалии мақола шумораҳои рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” дар солҳои гуногун аст [17;18;19;20;21;22;23;24;25;26;27].

Яке аз тафовути аслии эҷоди публисистӣ аз эҷоди бадеӣ дар он аст, ки дар публисистика ҳақиқат асос ва ҳадафи кор аст. Яъне публисист дар хусуси касе, ё воқеае сухан мегӯяд, ки дар ҳаёти реалӣ вуҷуд дошта ва ё дорад ва ҳеҷ ҷузъи онҳоро дигаргун карда наметавонад, зеро ба ин тартиб на танҳо бовариро аз даст медиҳад, балки дар ҷиноят ҳам шарикӣ мекунад. Аммо дар адабиёт ҳадаф бадеият-образ аст. Адабиёт тимсоли зиндагии имрӯза аст, ки дар хаёли адиб ташаккул ёфтааст. Агар сареҳ бингарем, тафовути очерк аз ҳикоя ҳам ҳамин аст: очерк-воқеият, ҳикоя-афсонаи воқеият дар образ аст.

Дар давраи аввали фаъолияти газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳама чиз умдатан дар зимни инъикоси факти холис, яъне танҳо констати факт зикр меёфт. Ҳама муаллифони газета, аз ҷумла С. Улуғзода, М. Турсунзода, М. Миршакар, Ғ. Ализода, А. Почоҷонов ба ҳамин асос такя мекарданд. Аз он берун шудан дар он солҳое, ки тухматсозӣ асос буд, хатари ҷонӣ дошт. Ҳақиқатро бисёр қотеъона талаб мекарданд. Масалан, М. Турсунзода дар як мақолааш менависад:

“Сустии корҳое, ки аз тарафи ташкилот ва идораҳои маҳаллӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд, бо он муборизаҳои қатъӣ бурда, то ба ҷавобгарӣ кашидан ҳаракат кунанд. Дар баъзе истгоҳҳои мошину троктурӣ гузаронидани корҳои таҷрибавӣ ва иҷро кардани нақшаи кишту кор бо трактор бисёр бо сустӣ давом мекунад. Дар ин бора мухбирон бояд назорати умумӣ ташкил дода ва ҳамеша барои ба пеш такон додани ақибмондагон дар сафи пеш бояд истанд... Ба дӯши мухбирони “Вахш” вазифаҳои бузурге истодааст, ки онҳо бояд бо ҳама ин гуна зуҳуроти оппортунистӣ муборизаи бераҳмона баранд ва дар ин соҳа бояд комсомолон ва ҷавонони “Вахш”-ро ба ҳаракат оварда, иштироки онҳоро дар мубориза барои маҳв намудани ҳамаи камбудиҳо, дар мубориза барои мустақилияти пухтагии Иттифоқи Шӯроҳо бо дурустӣ таъмин намоянд” [22].

Дар «Ҷавонони Тоҷикистон» махсусан аз давраи дувуми фаъолияти он сар карда, оҳиста - оҳиста истифода бурдани унсурҳои бадеии баён ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар “Муросочигӣ ва баҳонаҷӯӣ - нишонаҳои беғамӣ” ном мақолаи Фазлиддин Муҳаммадиев 6 - умии июли соли 1952 дар “Ҷавоноии Тоҷикистон” чоп шудааст, чунин оғозро, ки кӯшиши бадеӣ гуфтан мумкин аст, мебинем:

“Сустанд комсомолетсҳои мо, хело суст. Ман чандин сол боз дар ин завод директор. Ягон маротиба надидем, ки ташкилоти комсомолӣ худаш дар ягон кор ташаббуси ҳисшавандае нишон дода бошад.

Дари кабинет кушода шуда, котиби ташкилоти комсомолӣ Азизқул Назиров даромад. Сухани рафиқ Нартсисян муддате бурида шуд. Пас аз бо ҳозирон вохӯрӣ кардан, дар гӯшае қарор гирифтани Назиров, директор гапашро давом дод:

Азизқул ҳам инро инкор намекунад. Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки комсомолетсҳо дар истеҳсолот бад кор мекунанд. Не. Дар меҳнат ҳамаашон тифоқ. Худи ин ҷавон - Азизқул Назиров, Зиёев ва дигар комсомолетсҳо дар истеҳсолот намунакоранд. Аммо кори тарбиявии ташкилот бошад, мелангад [17].

Дар рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” дар солҳои чилуму панҷоҳум гарчи матолиби расмӣ, очерку мақолаҳои калонҳаҷми муаллифони москвагӣ чун иқтибос аз нашриёти марказӣ зиёд нашр мешуданд, аммо лавҳаву очеркҳои муаллифони худӣ хеле кам буданд. Ба андешаи мо, ташаккули ин жанрҳоро ба ҳамин давраи журналистикаи тоҷик мансуб аст. Мушаххасоти онҳо дар ин давра дар он зоҳир мешуд, ки сода, истеҳсолӣ буда, ба ду тақсим мешуданд. Қисмати бадеӣ, ки тасвир дошт ва сипас қисмати хабарӣ, ки бо шакли нигоришҳои анъанавии факту рақамҳо такя мекард. Дар лавҳаи С.Усмонов чунин тасвири бадеӣ мавҷуд аст:

“Найчаи моку холӣ шуду дастгоҳ аз кор монд. Барои найчаро иваз кардан камаш ду-дуним дақиқа вақт лозим аст. Аммо дастҳои моҳири Қумрӣ ин корро зуд иҷро намуданд. Дастгоҳи шоҳибофӣ аз нав ба кор шурӯъ кард.

Дар худи ҳамон сония дар тори дастгоҳи дигар нахи чигил пайдо шуд, ки гӯё мехост худро аз назари кас пинҳон кунаду аз байни шона гузашта, ба рӯи ҳамвор ва нафису зебои газвори шоҳии бофташудаистода болиштаке ба вуҷуд орад. Вале чашми зираки Қумрӣ ҳанӯз аз дур ин “беинтизомии” нахро дид. Вай бо суръат ба сари дастгоҳи дуюм давид ва чигилро дастгир карду нахро канд. Дастҳои нозуку чолок нахро фавран пайванд карданд” [18].

Ин тасвирест, ки ҳолати ба шеваи умумӣ ҷамъбастшудаи истеҳсолот ифода намуда, ба қавли журналистон лавҳаро зинда мекунад. Пас аз ин ҳама чиз чун факту эҳсос меояд:Қумрӣ кай ба кор омад, аз ки касб омӯхт, пешқадами истеҳсолот шуда, нақшаи истеҳсолиро иҷро кард ва

ғайра. Ин лавҳа ҷамъбаст бояд шавад, ки дар фабрикаи шоҳибофии шаҳри Сталинобод духтарони таҳҷоӣ низ ба кор омада, касб ёд гирифта, устоди касби худ шаванд. Ин қисмат мавзӯъ ва проблемаи матлаб аст.

Аз матлабе, ки дар қолаби жанрҳои ҳаҷвии публисистика навишта шудаанд, як фелетони Абдулхолиқ Юсуфиро ба номи "Гуфтори лагандбардор", мушоҳида мекунем. Бояд гуфт, ки дар нимаи аввали солҳои шастуми асри гузашта ин публисист аз фелетоннависҳои машҳури рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ба ҳисоб мерафт. Дар ин фелетон қисса аз номи қаҳрамон(персонаж)-и асосӣ нақл карда мешавад ва охири фелетон аз хушнудию ифтихори ӯ нақл менамояд.

"Қурбони ёру дӯст шавем-е! Хайрият, дар бисотам якто амакмулло Абдурозиқ Раҳмонов доштаам. Ин амакмуллои шоҳбозам худаш раиси колхози "Правда" шуду бо тезӣ дили калонҳоро ёфта мани мансабгадоро ба ҷои худаш оварда шинонд. Набошад, ман куҷою директори мактаби ҳаштсолаи ба номи Калинин шудан куҷо? Охир на фақат дар деҳаи Ворухи Конибодом, балки дар худи мактаб ҳам одамони ба ин мансаб сазовор кам ҳастанд магар? Аммо мағзи гап дар ин ҷо, ки онҳо ман барин амакмулло надоранд-дия! Акнун аз худашон гила карда гаштан гиранд. Ман аз ҳамин рӯз директор. Орзӯям ҷомаи амал пӯшид. Акнун корҳоро вангу иштиҳоро чу наҳанг гуфтан гиред"[19].

Кулминатсияи фелетон бо ҳамин қолаб идома меёбад ва муаллиф пай дар пай воқеа ва фактҳоеро меорад, ки директори мактаб бо ошнову ҳамақидаҳояш ба сар бурда, моли мактабро тороҷ кардаанд. Чун нақл хислати тасвири ҳаҷвиро дорад, оғози ҳаромкориҳои гурӯҳро муалллиф чунин тасвир мекунад: "Ман ба меваҳои ғарқ пухтаи участкаи назди мактабӣ ишора карда пурсидам:

Ин моли кист?

- Моли Хоҷааҳрори Валӣ! - баробар ҷавоб доданд онҳо ва бо ҳамроҳии акаашон Турган Олимов ба талаю тороҷи меваҳо даромаданд. Фаҳмидам, ки ҳамаамон аз зумраи одамони каззоб будем. Як чашм пӯшида кушодам, ки аз 18 адад болори барои таъмири мактаб харидаамон ҳаштоаш сарф шудаасту халос. Нафс зӯр баромада гуфт, ки боқимондаашро ҳазми ҷиғилдон накардан гуноҳ аст. Аз он яктоашро ба осиёбони колхозамон Ҷӯрабой Каримов, сетоашро ба колхозчӣ Холмат Маҳкамов қанд барин пул карда, бо сетоаш даҳони Холмат Азимовро пушидему ба Сайфиддин Насирев яктоашро ҳам надода, сетоашро ба ҳавлӣ овардам. Ин чӯбҳои болорро дида янгаатон чунон хурсанд шуд, ки мондан гиред!" [19].

Дар ин фелетон бадеият ва ҳақиқат дар як ҷо меоянд, яъне факт ё воқеа аз ҳақиқати зиндагӣ гирифта шудааст, аммо баён қолаби бадеӣ дорад: "Тобистони соли 1962 аз серборӣ шохаҳои дарахтони боғамон ба замин расид. Хому пухта нагуфта, хуб кашондем. Худо барака дода будааст. Боз хеле қоқ ғундоштем. Аммо он чи даркор? Пул нағз не? Ҳамоно мудири участка Насриевро фармудам, ки қоқро пул кунад. Вай аспи савдогариро ба тарафи шаҳри Чимкенти республикаи Ӯзбекистон тозонду баъди чанде як рӯймол муллочервонро бардошта овард. Қоқ чанд кило буд, чанд пул шуд, ҳеҷ кас намедонад. Барои фаҳмидани ин муаммо як сол майна об кардан даркор аст, ҳа!" [19].

Барои саҳеҳ дидани муносибат ва таносуби ҳақиқат ва бадеият дар публитсистикаи "ҶТ" ба жанрҳое муроҷиат кардан лозим аст, ки онҳо ба гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ – бадеӣ бештар тааллуқ доранд. Масалан "Даъвати роҳ"- и Отахон Латифӣ, ки зери рубрикаи "Қайдҳои роҳ" чоп шудааст ба ин гурӯҳи жанрҳо ба очерки сафарӣ тааллуқ мегирад. Муаллиф ин очеркро дар ҳолати баёни эҳсосот сохтааст, лиҳозо дар он факт ва воқеият чизи дувумдараҷа ва руҳияи эҳсосоте, ки аз ин воқеият ба амал меоянд, чизи асосӣ ба ҳисоб меравад. Яъне муаллиф чизи навро суроғ намекунад, балки эҳсосоти худро аз рӯ ба рӯ шудан бе зарурате тасвир менамояд.

"Деҳаи ман- бачагии ман. Дар ҳар як пайроҳа, дар ҳар як дарахти боғ, дар ҳар як санги сари роҳ ман бачагии худро дармеёбам. Боз мехоҳам ба дунёи бачагии худ қадам гузорам. Соли гузашта ба хоҳиши модарам ба деҳа омада будам. Ба хотири себи охирин [21].

Дар лаҳзае, ки баён мешавад, танҳо эҳсоси қаҳрамон аст, чизи дигаре аз ҷумла воқеае нест. Ин навъ оғоз метавонад на танҳо ба матолиби публитсистӣ хос бошад, балки ҳар кадом асари адабӣ – ҳикоя, повест ва ғайра бо ҳамин навъ гуфтаҳо оғоз ёфта метавонад. Пас аз ин гуфта ба натиҷае расидан мумкин аст, ки дар баён ҳадди бадеият дар публитсистика низ маҳдудият надорад. Аммо давоми он ба куҷо мебарад ва қиссаи публитсистӣ ё бадеӣ ин мавзӯи дигар аст. Дар асари мазкури О. Латифӣ чунин давомеро мебинем:

“Ҳамин, ки субҳ дамид, модарам ба по рост мешавад. Вай ба китф халтачаро мепартояду ба чидани себ меравад. Баъд вақти наҳор манро аз хоб бедор мекунад. Ман на танҳо аз расиши дастони ӯ, балки аз бӯйи себ ҳам бедор мешавам. Ҳанӯз чашмонамро накушода аз рӯйи бӯй кӯшиш мекунам, ки самари кадом дарахти себ будани онро муайян кунам. Аммо дастони модар дар як вақт ҳам бӯйи себ мекунанд, ҳам бӯйи шир, ҳам бӯйи нони гарм. Аз афташ хоби ман сахт бурдааст. Зеро дар ин муддат модар тавонистааст, ки нон ҳам пазад” [21].

Давоми воқеа ҳам тасвири бадеӣ шудааст гуфтан, нишоне аз воқеият надорад, яъне ҳанӯз на Латифӣ ҳаст ва на модари Латифӣ, балки нависанда асту модари вай. Зеро рӯҳ ва эҳсоси баёншуда метавонад воқеӣ не, сохта ё типпӣ бошад. Ҳатто ин ҷумла ҳам ҳамин навъи нигоришро идома медиҳад:

- “Шаб ба қиём гузашту модар гаштаю баргашта аз ҳолам мепурсад. Ба ман “Шумо- шумо” мегӯяд. Номи ман калон. Номи бобоям! Барои поси хотири бобоям ба ман “шумо” мегӯянд - Латифӣ[21].

Ин тарзи баён дар очерки мазкур лиризмро ба миён меорад, ки эҳсоси ботинии муаллифро дар ҷои аввал қарор медиҳад. Ин шеваи баёнро дар порчаи зер равшан мушоҳида намудан мумкин аст:

“Рӯйи ҳавлӣ пур аз гул. Атроф сабз. Баҳор. То он вақте, ки боз меваҳо мепазанду рӯйи дастархонро зеб медиҳанд, борҳо офтоб мебарояду менишинад. То он вақте, ки як ниҳол месабзаду бор меорад, баҳори зиёде мегузарад. Фарзанди одамӣ ҳам” [21].

О.Латифӣ аз касрати эҳсосоти дарунӣ ба баёни андешаҳои фалсафӣ мепардозад. Фикри дирӯзу имрӯзро мекунад. Андешаи одаму табиат, пайванди зиндагиро суроғ кардааст. Акнун на танҳо ифодаҳои зебо, балки ҳамчунон масъалаҳои зебо низ ба очерк роҳ пайдо мекунанд, ба ишораҳо ба воқеияти зиндагӣ, вале ҳанӯз бо хаёлпардозии комил идома меёбанд.

“Дар зодгоҳи ман ҳамин тавр, шодиву ғамро ҳама баробар мебинанд. Вақте буд, ки бомро ба шифер намепӯшонданд. Барфи болои бомро тоза кардан лозим. Ҳавлии марддор ба ёрии онҳое мерафт, ки мард надоранд [21].

Тазаккур бояд дод, ки ба кор бурдани тасвирҳои бадеӣ, тавсиф ва зебосуханӣ дар ҳама жанрҳои публитсистика имконнопазир аст, аммо ба назари мо муҳим он аст, ки мавзӯи баён барои ин имкон диҳад. Масалан, дар мақола - и “Сеҳри сухан”-и М. Осимӣ барои муаррифии Ҳофизи Шерозӣ чунин суханон истифода мешавад:

“Ҳофиз муғаннии ишқу ошиқист. Вай дар ғазалҳои худ пеш аз ҳама ба ситоиши ишқи ҳақиқӣ пардохта, одаму оламро андӯхтаи ишқ медонад, ишқро болотар аз мақоми ақл мешуморад. Ӯ назарияи афлотуниёни навинро дар хусуси ишқи кул ҳамчун сиришти камол ба пайванди ҳастӣ пазируфта, мӯътақиди ақидаест, ки маҳз ишқ инсонро ба мавҷудоти дигар мустасно ва баландмақом гардонидааст” [20]. Дар ин тасвири ишқ файласуф будани муаллифи сухан, муаллифи мақола низ барало ба мушоҳида мерасад.

Дар навиштаи Акбар Турсунов “Ёдгори умр” ҳам таркибе аз андешаҳои публисистиву фалсафиро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ин муаллиф бахшеро аз қавли М. Воҳидов нақл карда, сипас рӯи он андеша меронад ва ин андешаронии фалсафиаш бо истифодаи унсурҳои бадеии сужа ба мақолааш хусни наве зам мекунад, яъне онро аз навиштае, ки сарфан мубтанӣ ба факту иқтибосҳо бошад, берун меоварад: “Ин сатрҳои таъсирбахшро ман аз як мақолаи Маҳмуд ба тағйири ном иқтибос мекунам, зеро суханони самимона ва шоиронае, ки Маҳмуд дар тасвири устод ва парастори рӯҳониаш гуфтааст, ба худи ӯ низ нисбат додан мумкин аст. Бале, вуҷуди ӯ мисоли тори нохунзадаи мутриб ҳамеша беқарор буд- нафақат ҳангоме, ки дар саҳнаи театр нақшро ичро мекард ё шеъре мехонд, балки низ ҳангоме, ки дар гирди мизи хонагӣ нишаста, газета мехонд ва ё бо дӯстонаш суҳбат мекард; Зеро ӯ аз ҷумлаи онҳое набуд, ки ҳамарӯза дар кӯчаву паскӯчаҳои зиндагӣ чун боди даҳон дар даву тозанду “на парвои обу на андӯҳи нон” доранд. Маҳмуди мо, агар бо забони фасеҳи Нодири Нодирпур гӯям, гардиши ҳамвораю гармии ҳаётро дар мағзу пӯсташ, дар хуну гӯшаш чун зарбаҳои қалби худ эҳсос мекард” [23].

“Ҷавонони Тоҷикистон” соли 2007 мусоҳибаи Мунаввари Сафарро бо номи “Мо аз соли 1937 то соли 1957 фарзандони “душмани халқ” будем” чоп кардааст, ки он аз сарнавишти фарзандону пайвандони Нусратулло Махсум ҳикоя мекунад. Табиист, ки ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз нигоҳи жанр публисистика будани ин асар ошкор аст. Аммо дар ҳамин навишта ҳам порчаҳои ба бадеият тааллуқдошта кам нестанд ва онҳо барои муассир кардани воқеаҳои реалии дар мусоҳиба баёншуда, истифода гардидаанд, ки дар он воқеаи реалӣ тасвир шудааст,

аммо ин тасвир бо калимаву ибораҳои холӣ не, балки бо дарду алам аз он воқеае мебошад, ки умре дар хотир монда, гӯяндаро азият додааст:

- “Дарро сахт кӯфтанду чор нафар бо сару либоси ҳарбӣ хунсардона вориди хона гардиданд. Ба пурсишҳои падарам ҷавоб надода, ӯро ба утоқи кориаш даровардanду дарро бастанд. Ману додарам аз модарам, ки моту мабҳут гардида буд, мепурсидем, ки онҳо кистанд ва ба падарамон чӣ кор доранд. Ба саволҳои мо модарам китф дар ҳам мекашиду сарамонро сила мекард ва ашкҳояшро пок менамуд. Баъди чанд муддат падарам берун омад ва онҳо ӯро иҳота карда буданд. Ордену медалҳои падарам ва он туфангчае, ки ҳамеша бо худ гирифта мегашт, ба назар наменамуд. Падарам ошуфтаву парешон буд. Модарам гирён пурсид: “Мо чӣ кор кунем?” Падарам гуфт, “ба Кремл, ба Комитети марказӣ даромада, ҳамаашро мефаҳмам”. Яке аз онҳо пурсид: “что вы там говорите?». Падарам бо итоб гуфт: “я говорю, что я ни в чем не виновен. Сейчас приедем в Кремл, зайду в ЦК и всё выясню”. Ин охирин дидор ва суханони падарам буд, ки 12 июли 1937 руй дод ва ҳар вақт дар гӯшҳоям садо медиҳанд,- мегуяд Хосият Махсумова- духтари Нусратулло Махсум” [25].

Дар ин мусоҳиба образсозӣ, суроғи калимаи зебо, эҳсоси эҷодӣ нест, балки ҳар он чи ки ба сифати тасвир меояд, баёни воқеии реалияти зиндагӣ, ки худ риққатовар, дарднок ё баръакс шодиафзо аст ва он ҳақиқати зиндагӣ ва дар айни вақт баёни бадеивори он аст. Аз ҷумла мулоқоти респондент бо додараш Музаффар, ки ба ширхорагӣ дар маҳбас бо модараш будаасту сипас, ба хонаи бачагон супоридаанд, ба ин сурат баён мешавад: “Мулоқотам бо Музаффар хеле аҷиб сурат гирифт. Ман ба хонаи бачаҳо рафтам, яке аз кормандони он гуфт: “Вот к одному из наших детей приехала из далека сестра”. “Это моя сестра!”- гӯён, давида худашро ба оғӯши ман партофт. Мо 6 сол боз ҳамдигарро надида будем. Охир ӯ ҳамагӣ се моҳ дошт, ки мо аз ҳам ҷудо шуда будем!” [25].

Шояд ин воқеъа зодаи хаёл бошад, зеро кӯдаки семоҳа чизеро ба хотир дошта наметавонад, аммо ҳолати ҷараёни воқеа хонандаро вомедорад, ки онро ҳамчун ҳақиқат қабул кунад, дил ҳамдигарро шиносониданаш мумкин аст.

“Сад савол ба Хоҷа Зулфиқори девона”-и Д. Атовулло, гарчи дар қолаби жанри мусоҳиба ва он ҳам тахайюлӣ навишта шудааст, аслан очерк мебошад. Он ба 11 фасл тақсим шуда, ҳар фасл унвон дорад, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад. Мусоҳиба дар ин навишта – қолаби эҷод аст, на шакли он.Сабки эҷод ба истилоҳи адабиётшиносӣ шоирона аст, ҷумлаҳои шикаста, фикррониии фалсафӣ, тасвири зоҳиру ботин махсусияти ин навиштаро нишон медиҳад. Ин асар мулоҳизаҳои адабӣ, фалсафӣ, илмӣ ва инсониро дар маҷмуъ дар бар мегирад. Масалан, ин пора аз “Косаи об ва дарё” ба гуфтаи мо далел мешавад: “Ҳарчанд яқин аст, ки дуредгари нофарзон аз чӯби зарандуд ҳам тирезаи хуб сохта наметавонад.

- Бок мадор ва андӯҳ махӯр, Додоҷон!

Адабиёт довари бисёр бераҳм ва бисёр одил аст. Дар он танҳо ғолибон мемонанд.

Даҳҳо, садҳо, ҳазорон одамоне буданд, ки аз 10 то 100 китоб навиштаанд, вале китобҳои онҳо ба калонтарин “камера хранения” – фаромӯшхонаи таърих рафтанд.

Дар дарёи адабиёт фақат сахраҳои азамат мемонанд, боқӣ ҳамаро он шоҳрӯд чун хасу хошок осон мебарад...

Дар адабиёт фақат китобҳои ҳақиқӣ мемонанд.

- Осори ҳақиқии адабиёт бояд чӣ гуна бошад?

- Адабиёт ҳам ҳикмат аст, вале ҳикмат аз адабиёт авлотар аст.

Адабиёт – косаи об.

Ҳикмат – дарё.

Косаи обро метавон нӯшид, дарёро не” [24].

Аслан, ин мусоҳиба бо фасле зери унвони “Шоире аз оянда” оғоз мешавад, ки аз навишту муаррифии содда, вале услуби равони муаллиф дар он касе шинохта мешавад, ки афкораш ва гуфтораш барои дарки моҳияти зиндагӣ имкон медиҳад: “... ва ҳазору сад сол муқаддам қадимиён дар китоби антиқае нигоштаанд: ҳеҷ даво мисли суҳбат бо хирадмандон набувад, зеро ҷамъияти эшон яъс аз дил бизудоянд, кошонаи рӯҳро равшаноӣ бахшоянд ва вежа созад.

- ...ва имрӯз ҳазору сад сол пас шуморо ба суҳбат бо хирадманде даъват мекунем, ки ӯро исм Темур Зулфиқор, мулаққаб ба Маликулкалом, мулаққаб ба хоҷа Зулфиқори Девона буда, варо шоири бузурги қарнии ХХ – Евгений Евтушенко – шоири асри 21 номидааст” [24].

Истифодаи бадеияту воқеият, албатта, ба маҳорати эҷодкорон тавъам мебошад. Аз мулоҳизаҳои болотар ироашуда мебинем, ки ду эҷодкор О.Латифӣ ва Д. Атовуллоев эҷоди бадеии асарро пеш гирифтаанд. Яъне, барои онҳо сухан, сухани зебо, ҷумлаҳои суфтаву кӯтоҳ,

ки маъмулан ба лавҳаи лирикӣ ва порчаҳои таронасон хосанд, баён шудаанд. Дар мусоҳибае, ки ба пайвандони Н.Махсум бахшида шудааст, эҳсос созандаи бадеият гардидааст. Аммо навиштаҳое ҳам зиёданд, ки таносуби бадеият ва воқеият ба бо ифодаҳои илмӣ ифода меёбад. Масалан, дар мақолаи зикршудаи П.Гулмуродзода порчаи зерин ҳаст: “Гоҳо ҷони худро ба хатар гузошта, аз гузаштаи пурифтихори тоҷикон овоз баланд карда, мӯҳри хомӯшӣ ба даҳони бадхоҳону нотавонбинони ин миллати кӯҳанбунёди тамаддунофару соҳибфарҳанг задан хостааст ва ҳаммиллатони худро ҳушдор дода, ки аз бозиҳои абарқудратону муштзӯрон ва ҳомиёни онҳо ғофил набошанд. Ҳоло ки вақт аст, чанг ба домони сайфу қалам бизананд ва аз имконоту шароити мусоид ҳар чӣ бештар баҳраманд гарданд. Мутаассифона, на ҳамеша гӯшҳо суханшунаву чашмон ибратбинанд. Бо ин ҳама вазифаи пуршарафи мураббиву омӯзгории худро иҷро карда, ки фаъолияти равшангароиву ислоҳотхоҳии устод Айниву чанде аз ҳаммаслаконаш аз таъсиси мактаби нав шурӯъ шуда, хостаанд маърифати умумии ҳаммиллатони худро боло баранд ва ба ин васила мардум соҳиби ҷомеаи мутамаддин гарданд. Маҳз устод Айнӣ дар таҳияву иншои китобҳои дарсӣ барои макотиби ҷадиди тоҷикии оғози садаи XX фаъол будааст, ки гоҳо ҳангоми баррасии рӯзгору осораш ин ҷиҳати бисёр муҳими фаъолияти маорифпарвариву равшангароӣ ва ислоҳотпарварии ӯро фаромӯш мекунем. Зеро китобҳои дарсиаш “Таҳзиб-ус-сибён”, “Зарурияти диния” ва “Тартил-ул-Қуръон” на танҳо дар байни тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон, балки дигар кишварҳои ҷаҳон маъруфият пайдо кардааст. Аз ин ҷиҳат, андешаи он ки дар аморати Бухоро “устод Айнӣ аз муллое беш набуд, дар даврони шӯравӣ худро кашф кард ва ба манфиати миллати тоҷик заҳматҳои адабиву илмӣ анҷом дод”, ба назар номукаммал менамояд. Ҳол он ки устод Айнӣ чун як фарди фаъоли ҷомеъа ба ислоҳи он хеле пештар аз даврони шӯравӣ камари ҳиммат баста, тарафдори дигаргунӣ бо роҳи ислоҳоту таҳаввулот буд, на табаддулот. Ҳангоме сухан аз ташаккули тафаккури бадеии пеш аз инқилобии устод Айнӣ меравад, одатан вайро бештар чун шоир ва омӯзгор тасвир мекунанд, ки дар воқеъ, дар ин ҷода намунаҳои зиёд эҷод карда, кӯшиши зиёде ба харҷ додааст [26].

Дар ин навъ таҳлил порчаҳои аз асари таҳлилшаванда иқтибосӣ низ чун далел, чун намунаи воқеӣ будани гуфтаҳо истифода шуда метавонанд. “Ҳеҷ шубҳа нест, ки инсон барои муомила кардан бо милали мухталиф, барои ҳуқуқ гирифтан аз ҳукумат, барои тарбият кардани авлод ва оила, барои пеш бурдани касбу ҳунари шахсии худ, барои таъмини маишати ҳаррӯза, хулоса, барои зиндагӣ кардан дар дунё (агарчи якрӯза ҳам бошад) ба як фикри соиб (рост) ва хатти ҳаракати дуруст мӯҳтоҷ аст. Фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст пайдо намешавад инсонро магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад магар аз мактабу мадорис. Лекин мо, Туркистониён, умуман дар зарфи панҷоҳсола асорати ҳукумати мустабиди Рус мактаб ва мадориси кӯҳнаи худро барбод дода, дорулилмҳои нав кушода натавониста, билкулия аз илму маърифат маҳрум мондем” [26].

Он чи ба публисистикаи имрӯзаи “Ҷавонони Тоҷикистон” дар ин маврид хос аст дар сафарномаи зикршудаи Ҳ.Тоҳирӣ ба равшанӣ зоҳир мешавад. Вай ҳам услуби Д.Атовуллоевро дар ин сафарномааш пеш гирифта, ба порчаҳо ё тавре худаш мегӯяд, катибаҳо унвон мегузорад ва ин унвонҳо маъмулан моҳияти порчаро ошкор менамоянд. Масалан, дар қисме, ки “Дар деҳаи Чорсада” ном гирифтааст, барои шинос намудани ин деҳа чунин услуби бадеӣ ва баёни реалӣ интихоб гардидааст: “Деҳаи “Чорсада-2” миёни деҳаҳои Чорсада ва Навобод ҷойгир шудааст. Аз роҳи калон барои даромад ба деҳа се даромадгоҳ аст. Дигар пешопеши деҳаро ҷӯйи то қади одам баланд, аз роҳ ҷудо мекунад. Ин ҷӯи калон, ки аз чанд деҳаи поён то чанд деҳаи дигари боло об меораду мебарад, махсус барои обмонии заминҳои пахта аст. Аз ин об мардуми деҳа наменӯшад. Ин ҷӯйҳое, ки аз қади одам баландтаранд, қисмат-қисмат буда ва якеаш тақрибан 2-3 метр аст. Инҳоро барои чӣ гуфтем? Барои он, ки мо ҳоло ҳам дар ҷои аз мошин фаромадаамон истодаем. Аз рафтуои зиёди мошинҳо ба он тараф гузашта намешавад. Акнун мегузарем. Ба растаҳо ворид мешавем. Бо ворид шудан ба ин деҳа кас хаёл мекунад, ки ба ягон шаҳраки навбунёд, ба сони биҳишт ворид шудааст” [27].

Тоҳирӣ пас аз муаррифии деҳа сокинони онро ҳам шинос мекунад, аммо ин шиноскунӣ сохтани портрети симои зоҳирии онҳо на, балки маънавиёти онҳо аст. Дар мавзуъ ва объекте, ки дар ин очерки сафарӣ мавриду гуфтугӯ аст, ин тариқи муносибат муассир аст. Яъне ба хонанда аз он хабар дода мешавад, ки одобу муносибати иҷтимоӣ чӣ гуна шудааст: “Як тафовути дигари деҳаи мазкур ин аст, ки сутунҳои деҳа-домулло ва муаллимон ба якдигар салому алайканд. Ба якдигар доимо дар муоширатанд. Ба якдигар аз бурду бохти деҳа сухан

мегӯянду муҳокима мекунанд. Ба якдигар меҳмон мешаванд. Як фикру як мақсад доранд. Ин муҳимтарин ва сарчашмаи аслии ҳам пешравиҳову муваффақиятҳои деҳа аст. Мардум дар ҳама шодиву ғам аввал ба забон номи муаллиму домуллоро меоранд. Ин ду нафар талқинкунандаи некӣ ва адолатанд. Ин ду нафар намунаи ибрат барои тамоми мардуми деҳаанд. Ин ду нафар зиндагии мардуми оддиро, аз кудак то пиронсол танзим мекунанд. Хушбахтии мардуми деҳаи "Чорсадаи-2" ҳам дар ҳамин аст, ки муаллим ва домулло бо ҳам наздиканд. Дар канори мардум бо насли наву кӯҳнаанд. Дар ғаму шодӣ шариканд" [27].

Очерки сафарии "Қишлоқи тиллоӣ" аз диалог ҳам ҳамчун унсури созандаи портрет, василаи равшанӣ андохтан ба масъала, проблемагузорӣ ё ҳалли проблема истифода намудааст, ки ин хеле ҷолиб мебошад.

"То ҷое итиллоъ дорем ин марказ аз тарафи мудири НБО-и Роғун сохта шудааст...

- Бале
- Мақсад аз бунёд ва вуҷуд доштани чунин марказ барои аҳли деҳ чист?
- Тавре шумо аллакай медонед, сокинони деҳаи "Чорсада-2" аз деҳаи "Сари пул"-и ноҳияи Нуробод барои он, ки деҳаашон зери об мемонад, ба инҷо кӯчонида шудаанд. Ин марказро НБО-и Роғун махсус барои ҳамин мардум бунёд кардааст, ки ҳама хоҳишу дархост, саволу мушкилӣ, ҳоҷату эҳтиёҷоти мардумро қабул намоянд.

Ин деҳа дар солҳои наздик метавонад макони сайёҳии хуб ва сердаромад шавад. Ҳамааш аз худи мо вобаста аст. Худо кунад, ки чунин шавад" [27].

Мавриди таъкид аст, ки шеваи таҳрири очеркҳои номбурдаи О. Латифӣ ва М.Тоҳирӣ, ки дар ин ҷо чун анъана ба унвони очерки сафарӣ зикр шуд, дар таҳқиқи илмии Н.Бозоров "сафарнома" ном гирифтааст [4].

Ин аслро эҷодкорони "Ҷавонони Тоҷикистон" қатъӣ риоя намудаанд. Дар ҳама навиштаҳои онҳо, агар жанрҳои очерк, лавҳа, фелетон, памфлет бошанд, албатта, ҳақиқат ва бадеият риоя мешавад. Ҳақиқат он чизест, ки дар зиндагӣ вуҷуд дорад, журналист онро дида ва таҳқиқ намуда, ҳадафи ниҳоии кораш дар ҳамин бобат хабар додан аст. Бадеият он лаҳза, тасвир, ҳолат ё порчаҳои адабие мебошад, ки барои муассир, хотирмон ва ҷаззоб кардани он ҳадаф, ки дар ҳақиқат ҳаст, истифода мегардад, яъне асарро хоно мекунад. Бадеият ба ҳадде дар ин асарҳо истифода мешавад, ки воқеиятро вайрон накунад. Бадеият ба ҳаддест, ки ба ҳақиқати зиндагӣ мувофиқат намояд. Публисист имкон ва ҳақ надорад, ки он чӣ ба илҳомаш меояд, вале ба он воқеият пайванд шуда наметавонад, аз он кор бигирад. Яъне дар истифодаи бадеият адиб бештар озод, вале публисист пойбанди воқеъият боқӣ мемонад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Азимов, А. Адабиёт ва матбуоти солҳои сиюм/А.Азимов. – Душанбе: Дониш-2007.- 52 с.
2. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир/А.Азимов.–Душанбе: Шарқи озод,2004. – 138 с.
3. Атовулло, Х.Пайванди пайкараҳо/Х.Атовулло. – Душанбе:Ҳумо, 2000. – 107 с.
4. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.
5. Гулмуродзода, П.Публицистика и время/П.Гулмуродзода.–Душанбе: Сино, 2002. -128 с.
6. Журбина, Е.И.Теория и практика художественно-публицистических жанров: очерк, фельетон/Е.И.Журбина. – Москва: Мысль, 1969.- 399с.
7. Журналистика: масъулияти касби-ҷамъиятӣ(Маҷмуаи мақолаҳо) (Журналистика: ответственность общественной профессии. Сборник статей). – Душанбе, 2006. – 85 с.
8. Зикрияев, Ф. Комсомол Таджикистана / Ф. Зикрияев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 30 с.
9. Латифи,О.Последняя весна Отахона Латифи / О. Латифи. – Душанбе: Контраст, 2006. – 304 с.
10. Набавӣ, А. "Бухорои шариф" сароғози матбуоти миллӣ/А. Набавӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 182 с.
11. Прохоров, Е.П. Искусство публицистики: Размышление и разборы. Москва: Советский писатель, 1984. –359 с.
12. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика/Н.Солеҳ, А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.
13. Святославский,А.В. Между вымыслом и реальностью:Художественная литература и публицистика как исторический источник/А.В.Святославский //Верхневолжский филологический вестник. – 2019. – № 1 (16). –С. 8-16.
14. Стюфляева, М.И. Человек в публицистике: методы и приёмы изображения и исследования/М.И.Стюфляева.-Воронеж: Издательство Воронежского университета, 1989. –142 с.

15. Усмонов, И. К. Рӯзномаро донистан мехоҳам/И.К.Усмонов. – Душанбе, 1986. – 57 с.
16. Усмонов, И. К. Назарияи публитсистика/И.К.Усмонов. – Душанбе, 1999. – 98 с.

**Маводи амалӣ:**

17. Комсомоли Тоҷикистон. – 1952. – 6 июл.
18. Комсомоли Тоҷикистон. – 1953. – 19 апрел.
19. Комсомоли Тоҷикистон. – 1964. – 17 июн.
20. Комсомоли Тоҷикистон. – 1971. – 13 октябр.
21. Комсомоли Тоҷикистон. – 1971. – 23 июл.
22. Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 31 май.
23. Комсомоли Тоҷикистон. – 1984. – 31 январ.
24. Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 10 май.
25. Ҷавонони Тоҷикистон. –2007. –16 май.
26. Ҷавонони Тоҷикистон. – 2010. – 25 октябр.
27. Ҷавонони Тоҷикистон. – 2019. – 11 апрел.

**REFERENSES:**

1. Azimov, A. Literature and press of the thirties/A.Azimov. - Dushanbe: Donish - 2007. - 52 p.
2. Azimov, A. Publicistics and modern times/A.Azimov. - Dushanbe: Free East, 2004. - 138 p.
3. Atovullo, H. Connection of figures/H. Atovullo. - Dushanbe: Humo, 2000. - 107 p.
4. Bozorov, N. Travel notes(Safarnoma) as a journalistic genre / N. Bazarov. - Dushanbe: Capital, 2014. - 184 p.
5.Gulmurodzoda, P. Publicism and time / P. Gulmurodzoda. - Dushanbe: Sino, 2002. -128 p.
6. Zhurbina, E.I. Theory and practice of artistic and journalistic genres: essay, feuilleton / E.I. Zhurbina. - Moscow: Thought, 1969.- 399p.
7. Journalism: the responsibility of the public profession. (Digest of articles). - Dushanbe, 2006. - 85 p.
8. Zikriyaev, F. Komsomol of Tajikistan / F. Zikriyaev. - Dushanbe: Irfon, 1985. - 30 p.
9. Latifi, O. The Last Spring of Otahon Latifi / O. Latifi. - Dushanbe: Contrast, 2006. – 304p.
10. Nabavi, A. "Bukhara Sharif" is the head of the national press/A. Nabavi. - Dushanbe: Bukhara, 2012. - 182 p.
11. Prokhorov, E.P. The art of journalism: Reflection and analysis. Moscow: Soviet writer, 1984. -359 p.
12.Solehov,N.The puzzle of the theory of journalism/N.Saleh, A.Sadulloev.-Dushanbe, 2015.-184 p.
13. Svyatoslavsky, A.V. Between fiction and reality: Fiction and journalism as a historical source / A.V. Svyatoslavsky // Upper Volga Philological Bulletin. - 2019. - No. 1 (16). - P. 8-16.
14. Styuflaeva, M.I. Man in journalism: methods and techniques of image and research /M.I. Styuflyaeva. - Voronezh: Voronezh University Press, 1989. -142 p.
15. Usmanov, I. K. I want to know the schedule/I.K. Usmanov. - Dushanbe, 1986. - 57 p.
16. Usmanov, I. K. Theory of journalism/I.K. Usmonov. - Dushanbe, 1999. - 98 p.

**Practical material:**

17. Komsomol of Tajikistan. - 1952. - July 6.
18. Komsomol of Tajikistan. - 1953. - April 19.
19. Komsomol of Tajikistan. - 1964. - June 17.
20. Komsomol of Tajikistan. - 1971. - October 13.
21. Komsomol of Tajikistan. - 1971. - July 23.
22. Komsomol of Tajikistan. - 1981. - May 31.
23. Komsomol of Tajikistan. - 1984. - January 31.
24. Komsomol of Tajikistan. - 1987. - May 10.
25. Youth of Tajikistan. -2007. May 16.
26. Youth of Tajikistan. - 2010. - October 25.
27. Youth of Tajikistan. - 2019. - April 11.